**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадриддин дар мавзуйи “Таърихнигории таърихи водии Рашт» (давраи нав, навтарин ва муосир) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ). Душанбе, 2025. 101 саҳ.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он зоҳир меёбад, ки дар замони соҳибистиқлолӣ омӯзиши таъриху фарҳанг ва ҳудудҳои ҷуғрофии халқи тоҷик дар илми таърих ва таърихнигории миллӣ равнақи тозаро касб намудааст. Минтақаи Рашт, ки аз аҳди қадим яке аз маконҳои аслии аҷдодони тоҷикон буд, дорои таъриху маданияти бой мебошад. Аммо, вобаста ба вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар хусусиятҳои этнографию тавсифи антропологии ин минтақаи тоҷикнишин гарчанде то асри XIX баъзе манбаъҳо мавҷуд бошанд ҳам, то кунун дар илми таърих аз нигоҳи таърихнигорӣ мавриди таҳлилу баррасии комил қарор нагирифтаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур, ки ба масъалаи омӯзиши таъриху фарҳанги давраҳои наву навин ва муосири минтақаи Рашт бахшида шудааст, ниҳоят муҳимму зарурӣ маҳсуб ёфта, дар асоси манбаъҳои боэътимод, ба хусус, маводҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, асарҳову маводи матбуоти даврии ба минтақа мутаалиқ омода гардидааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузорӣ ва сарчашмаву адабиёти мухталиф оид ба таърихнигории таърихи водии Рашт дар доираи мушаххаси хронологӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертант мубрамияти мавзуъи таҳқиқотӣ, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, асосҳои методологӣ,

заминаи сарчашмавии кор, ҳудуди хронологӣ, объект ва предмет, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тавсиб ва амалишавии натиҷаҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст.

Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот панҷ мақолаи илмӣ ва 9 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва конференсияҳо ба табъ расонидааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таъқиқотро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадриддин дар мавзуи “Таърихнигории таърихи водии Рашт” (даврai нав, навтарин ва муосир) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумию ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии ДСРТ** **Артиков Абдурафик Абдурахмонович**

Имзои Артиков А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ДСРТ Рахимов А. А

02.09.2025

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи М.Турсунзода, 30. Тел: (+992-37) 221 05 70. Почтаи электронӣ: **http:www/rtsu.tj, p.rektora@.ru**